«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент __________ Муродзода А.А.
«__2__» ____07____ соли 2025

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Мавзуи таҳқиқотии Файззода Рамазон Хурсанд ба яке аз марҳилаҳои муҳим ва ҳассоси таърихи Тоҷикистони Шуравӣ – Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз – бахшида шудааст. Омӯзиши Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз махсусан дар мисоли Тоҷикистони Шуравӣ, ки як ҷузъи муҳими системаи Фаъолгардонии кумитаҳо оид ба беҳдоштро ташкил медод, аҳамияти назаррас дошта, таҳқиқи масъалаи мазкур холигии илмиро дар ин самт пурра менамояд. Дар шароити муосир, ки эҳёи чунин кумитаҳо таҳкими фаъолгардони қарор дорад, чунин таҳқиқот аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ саривақтӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки мувофиқи суратмаҷлиси №2, аз санаи 16.05.2025 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба ҳимояи диссертатсияҳо оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) «Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»-ро ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Файззода Рамазон Хурсанд таъин намуд. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, комилан мутобиқат намуда, дар шуъбаи таърихи навтарини

«Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», протоколи №11, аз 30 июни соли 2025 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02- Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро хеле муътақидона асоснок намудааст. Ҷалби занон ба кор дар истеҳсолот дар таърихи гендерии меҳнат ҳамеша муҳим буд ва боқӣ мемонад. Аммо ин муҳиммият танҳо аз мавқеи сиёсӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мегашт ва ҳанӯз ҳам аз ин бахш баррасӣ мегардад. Маҳз ҳамин сиёсӣ ба тадбиқи сиёсати воқеии гендерӣ нисбат ба захираҳои меҳнатии замони мо халал мерасонад. Чунин вазъи гендерӣ дар захираҳои меҳнатӣ дар замони шуравӣ низ ҳалли худро наёфта монда буд. Барои равшан намудани ин масъала мо таърихи пурраи онро дар гузашта ва дар давраи оғози воқеии ташаккули он бояд донем.

Масъалаи амалӣ ва назариявии ҷалби занон ба кор дар илми таърихи тоҷикон ҳанӯз аз солҳои 20-уми асри XX матраҳ шуда буд. Аксари муаррихони асри XX ба масъалаи назария ва амалияи меҳнати занон дар истеҳсолот, аз руйи давраҳои рушди ҷомеаи сотсиалистӣ (ғалабаи сохти сотсиалистӣ ва сотсиализми баркамол) машғул буданд. Дар навбати худ сиёсати шуравӣ дар соҳаи меҳнати гендерӣ, дарвоқеъ яке аз самтҳои сиёсати иҷтимоии давлат маҳсуб меёфт. Зимни иҷрои диссертатсия оид ба баробарии гендерӣ дар солҳои 20-уми асри XX руҳияи ҳизбӣ, аниқтараш руҳияи қонун дар бораи баробарҳуқуқии зану мард ва он бо ҳуҷҷатҳои ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистон собит гардида буд. Аммо ҳуҷҷатҳои ғайриҳизбӣ, яъне аз ташкилоти дигаре, ки масъалаҳои гендериро инъикос мекарданд. Ба чунин ташкилот Комиссия ва Комитет оид ба беҳдошти маишии меҳнаткашзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ-и ҶШС Тоҷикистон мансуб буд. Ҳуҷҷатҳои он норасоиҳои зиёдеро дар гендерияти меҳнат на танҳо дар

солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пурра сохт, балки ба интихоби роҳ дар гендерияти меҳнатӣ дар замони мо низ ёрӣ расонид.

**Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ муаллиф, Файззода Рамазон Хурсанд, тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд. Муаллиф бо истифода аз манбаъҳои мўътабар, дар заминаи методологияи таҳқиқоти таърихӣ ташаккулу рушди ташкилоти занон оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишат, фаъолияти сохторҳои КБММКЗ оид ба ҷалби занон ба меҳнат, роҳбарият тавассути курсҳои гуногун, семинарҳо, коромўзӣ ва чорабиниҳои амалии намунавӣ мебошад, нишон додааст.

Муаллиф дар муаррифии масъала аз доираи васеи адабиёти илмӣ истифода бурда, аммо ин муҳиммият танҳо аз мавқеи сиёсӣ дар Тоҷикистон баррасӣ мегашт ва ҳанўз ҳам аз ин бахш баррасӣ мегардад, ба таври возеҳ нишон додааст. Гузоришҳои овардашуда бо далелҳо ва иқтибосҳо аз манбаъҳои мўътабар тасдиқ шудаанд, ки ин ба эътимоднокии онҳо мусоидат мекунад.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Хулосаҳо ба таври мантиқӣ аз натиҷаҳои таҳлили маълумотҳои ҷамъовардашуда бармеоянд. Муаллиф тавонистааст вазъи масъалаи амалӣ ва назариявии ҷалби занон ба кор дар илми таърихи тоҷикон ҳанўз аз солҳои 20-уми асри XX матраҳ шуда буд. Аксари муаррихони асри XX ба масъалаи назария ва амалияи меҳнати занон дар истеҳсолот, аз руйи давраҳои рушди ҷомеаи сотсиалистӣ (ғалабаи сохти сотсиалистӣ ва сотсиализми баркамол) машғул буданд, нишон диҳад. Хулосаҳо мушаххас ва ба саволҳои дар ибтидои таҳқиқот гузошташуда ҷавоб медиҳанд.

Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Аҳамияти

амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои ба дастомадаи он метавонад ба раванди танзими муҳоҷирати берунии меҳнат, навиштани корҳои дипломӣ дар мактабҳои оли, таҳлили китобҳои дарсӣ ёри диҳад ва истифода бурда шавад.

Хулоса, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд як кори илмии ҷиддӣ ва саривақтӣ буда, дар он гузоришҳои илмӣ ба таври умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошанд. Пешниҳодҳои овардашуда аҳамияти баланди имлӣ дорад. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷӯҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт хизмат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Мавзуи пешниҳодшавандаи корӣ дисертатсионӣ аз руйи ном ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар таърихнигории тоҷик мутлақо нав ва дар қаламрави ИҶШС таҳқиқнаёфта мебошад. Матни пешниҳодшаванда норасоиҳои мавҷударо дар омӯзиши масъалаи занон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пурра месозад. Натиҷаи омӯзишу пажуҳиш, таснифот ва баррасиву таҷзияи мавзуи мазкур навгониҳои зиёдеро рӯйи кор овард, ки дар рушду ташаккули илми таърихи ватанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар асоси сарчашмаҳои бойгонии тамоми самтҳои ҳокимият, ҳизб, созмонҳои- ҷамиятӣ ва муассисаҳои истеҳсоли, ки бо занон алоқамандонд. Маводҳои бойгонии Комиссия ва Комитет оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати меҳнаткашзанон ва занони кишоварзи назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон, ки онҳоро то ҳол ягон кас истифода набурдааст ва ба интелегенсияи илмӣ қариб маълум нестан, инчунин ҳангоми омода сохтани маводи таълимӣ мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Чи тавре ки маълум аст, масъалаи занон дар Тоҷикистон то соли 1924 дар ҳайати Русияи Шуравӣ, ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро ва ИҶШС баррасӣ мегардид. Аз соли 1924 то соли 1929 номи КБММКЗ Ӯзбекистони ҶМШС Тоҷикистонро гирифт. Ҳатто, дар

объект, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот, тасвиб ва амалишавии натиҷаҳои диссертатсия муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Ташкил ва оғози фаъолияти рушди КБММКЗ назди раёсати ҶШС Тоҷикистон»** аз ду зербоб иборат аст.

Раванди созмондиҳӣ ва фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия баён гардидааст, ки Ҳокимияти Шуравӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар симои мақомоти қонунгузории худ КИМ Шуроҳо дар сохтмони ҷомеаи сотсиалисти на танҳо бо қонунгузории худ, балки бо бунёди ҳаракатҳо ва созмонҳо, амсоли ҳаракати партофтани фаранҷӣ, сиёсати аз зулму асорат озодшавии занон тавассути созмону ҳаракатҳои занона, ки яке аз онхо Комиссияи Марказии беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди КИМ ҶШС Тоҷикистон буда, вазифаи асосии он маҳз ҷалби занон ба сохтмони ҷомеаи сотсиалистӣ ҳисоб меёфт, саҳми калон гузошт.

Вазифаи асосии Комиссияи Марказӣ оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати занони меҳнаткаши ҷумҳурӣ расонидани кумак ба барпо кардани чорабиниҳои муассисаҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи беҳдошти меҳнат ва маишати занони миллатҳои маҳаллӣ дар соҳаҳои ҳуқуқ, маориф, тандурустӣ, мубориза бо бекорӣ ва расонидани кумак ба ҷалби онҳо ба кооператсияҳои гуногун дар саноат ва хоҷагии қишлоқ буд.

Боби дуюми диссертатсия **«Нақш ва фаъолияти КБММ-и коргарзанон ва занони кишоварз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX»** ном додшта аз ду зербоб иборат мебошад.

Фаъолияти кумитаи мазкур оид ба хизматрасониҳои меҳнати занон зимни корҳои кишоварзӣ таҳлил гардидааст.

Диссертант менависад, ки КБММ қариб бо тамоми масъалаҳое, ки ба меҳнати занон дахл дошт, шуғл меварзид. Аз байни онҳо асосиашон инҳо буданд: ҷалб ба тарзи ҳаёти фаъол, ҷалб ба кор, таҳсил, ихтисоси коргарӣ, идоракунӣ, меҳнат, истироҳат, чорабиниҳо оид ба беҳдошти шароити меҳнат ва маишат. Ҳар яке аз масъалаҳои дар инҷо зикршуда масъалаҳое буданд, ки ҳалли худро бояд меёфтанд. Ҳимояи манфиатҳои меҳнаткашон яке аз самтҳои афзалиятнок дар фаъолияти КБММ буд. Воқеан масъалаеро ёфтан душвор аст, ки оид ба он меҳнаткашон ба КБММ мурочиат накарда бошанд.

Дар фаъолияти КБММ-и назди Раёсати КИМ-и Шуроҳои ҶШС Тоҷикистон ташкилу доир кардани маъракаи корҳои кишоварзӣ мавқеи хосса дошт. Бароҳмонии кишт, корҳои коркард, обёри, ҳосилғундорӣ дар ғаллакорӣ, зироати обчакорӣ, пашмтароши дар чорводорӣ, ҷамъоварии ҳосил дар боғдорӣ дар солҳои панҷсолаи якум ба анъана табдил ёфта буд. Бо масоили ташкилии ин чорабиниҳо ташкилоти ҳизби ва хоҷагидорӣ ва иттифоқҳои касаба, бо масъалаҳои маданӣ-маишӣ бошад, бештар КБММ-ҳо шуғл меварзиданд.

Боби сеюми диссертатсия **«Раёсати КБММ оид ба ҷалби занон ба фаъолияти муфиди ҷамъиятӣ ва ҳаёти маданӣ дар ҷумҳурӣ»** низ аз ду зербоб иборат мебошад.

Фаъолияти кумитаи мазкур дар самти корҳои маданӣ-маишии занон баррасӣ гардидааст.

Диссертант менависад, ки корҳои маданӣ-маишӣ соҳаи серпаҳлуи сиёсати давлатии ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикстон ба ҳисоб мерафт. Ин корҳо қариб тамоми самтҳои ҳаёту фаъолияти ҷамъиятиро фаро мегирифт. Ҳукумат ба ин соҳа ҳамеша диққати калон медод ва барои доир кардани чорабиниҳои маданӣ-маишӣ маблағи зиёде ҷудо мекард. Ин маблағҳо мунтазам меафзуданд, чунки ин масъала хеле зарур буд. Аммо масъалаи истифодаи самараноки меҳнати занон ваҷҳи сиёсӣ пайдо карда, ба сиёсати махсуси Ҳокимияти Шуравӣ табдил ёфт.

Яке аз самтҳои фаъолияти КБММ-ҳо ташкили чорабиниҳои маданӣ-маишӣ буд, ки бо он тамоми муассисаҳое, ки сексияҳои маданӣ доштанд, машғул мешуданд. Ин сексияҳо масъалаи гуногуни фароғату истироҳати инсон (аз хурд то калон)-ро дида мебаромад. Ҳар як ташкилот нақшаи чорабиниҳои худро оид ба корҳои мадани дошт. Ин чорабиниҳо қариб тамоми соҳаи ҳаёти инсонро фаро мегирифтанд: модар, кӯдак, навҷавонӣ, тарбия, кор, касб, фароғат истироҳат ва ғайра.

Барои доир кардани чорабиниҳо нақша тартиб дода мешуд ва аз рӯйи нақша кор мекарданд. Рафти иҷрои ин нақшаҳо аз тарафи сохторҳои сершумори ҷомеа ва ҳокимият мавриди санҷиш қарор дода мешуд. Яъне тамоми сохторҳои ҳокимият ва худи ҷомеа бо тарбия шуғл меварзиданд. Дар ин кор ҳокимият ва аҳли ҷомеа ҳамқадам буданд.

Ҳокимияти Шуравӣ дар КБММ-ҳо яке аз самтҳои ҳалли масъалаи занон озодкунии онҳо тавассути ҷалби онҳо ба корҳои муфиди ҷамъиятӣ дар истеҳсолот (косибӣ, завод, фабрика), колхозҳо, совхозҳо, интихобот, ҷаласаҳои занон, маҳфилҳо ва ҳ.к. буд.

Чи тавре маълум аст, ҳанӯз дар солҳои 20-ум, ва 30-юми асри XX дар Тоҷикистони Шуравӣ мактабҳои занона низ вуҷуд доштанд: барои синну

соли хурди мактабӣ одатан як ё дӯзинави, барои калонсолон бошад мактабҳои маҳви бесаводӣ. Ташкилу роҳандозии раванди таълимии умумии мактабҳои занона мушкилоти зиёдеро ба бор меовард ҳарчанде, ки дар бораи онҳо Р.А. Набиева., Обидов. М.Р., Шукуров, ва даҳҳо дигарон навиштаанд, маводи ошкоршудаи мо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҳиҷати амалӣ ягон навигарӣ надаровардааст, аммо маводи нав ба таври ҷиддӣ ин масъаларо ғанӣ гардонида метавонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)). Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Файззода Рамазон Хурсанд ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертадсия, хосса бобҳои якум, дуюм ва сеюм мувозинат риоя нашудааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа истинод оварда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ доир ба ин андешаҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар ин бобат андешаҳои худро фарохтар баён медошт.

3. Нишон додани маълумотҳои оморӣ (ҷадвал) дар кори диссертатсионӣ ба ҳайси маводи асосии мавриди таҳқиқ мавқеи асосӣ ва муҳим доранд, лекин на дар ин шакле, ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст. Ҳамчун саҳифаи алоҳида замима мегардид, ҳам саҳифаи

соли хурди мактабӣ одатан як ё дӯзинави, барои калонсолон бошад мактабҳои маҳви бесаводӣ. Ташкилу роҳандозии раванди таълимии умумии мактабҳои занона мушкилоти зиёдеро ба бор меоварданд ҳарчанде, ки дар бораи онҳо Р.А. Набиева., Обидов. М.Р., Шукуров, ва даҳҳо дигарон навиштаанд, маводи ошкоршудаи мо ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҳиҷати амалӣ ягон навигарӣ надаровардааст, аммо маводи нав ба таври ҷиддӣ ин масъаларо ғанӣ гардонида метавонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)). Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррарнамудаи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони далатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағийротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Файззода Рамазон Хурсанд ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) дастгирӣ мебошад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар бобҳои диссертадсия, хосса бобҳои якум, дуюм ва сеюм мувозинат риоя нашудааст, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми диссертатсия боис гаштааст.

2. Дар диссертатсия муҳаққиқ аз таҳқиқотҳои муҳаққиқони соҳа истинод оварда бошад ҳам, мулоҳизаҳои худи муҳаққиқ доир ба ин андешаҳо камтар ба назар мерасанд. Хуб мешуд, ки дар ин бобат андешаҳои худро фарохтар баён медошт.

3. Нишон додани маълумотҳои оморӣ (чадвал) дар кори диссертатсионӣ ба ҳайси маводи асосии мавриди таҳқиқ мавқеи асосӣ ва муҳим доранд, лекин на дар ин шакле, ки дар ин кори диссертатсионӣ оварда шудааст. Ҳамчун саҳифаи алоҳида замима мегардид, ҳам саҳифаи

диссертатсия ба талабот мувофиқ мешуд, ҳам ҳаҷми замима ба чашм намерасид.

4. Дар ҳоле ки дар замони Шӯравӣ занон як қисми муҳими қувваи корӣ ва тавлидиро ташкил медоданд, саҳми онҳо дар диссертатсия ба таври кофӣ ва ҷудогона инъикос наёфтааст. Гузаронидани таҳлил аз дидгоҳи гендерӣ як навъ такмил ба кор хоҳад бахшид.

5. Дар хулосаи боби сеюм, агарчӣ ҷамъбасти хуб сурат гирифтааст, аммо он метавонад бо таҳлили амиқтари таъсири саҳми кишоварзон ба натиҷаи умумии ҷанг ваояндаи иқтисодию иҷтимоии вилоят мукаммалтар карда шавад.

6. Дар кори диссертатсионӣ ғалатҳои услубӣ ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми нашри монография ҳатмӣ медонем.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва осонислоҳ буда, арзиши аслии таҳқиқи диссертатсияро кам намекунанд. Баръакс, таҳқиқоти гузаронидашуда дорои аҳамияти назаррас мебошад ва ба рушди илми таърихи ватанӣ мусоидат мекунад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илми асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси (07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.
Тақриз аз ҷониби Абдурашидов Фозил Маматович доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ, протоколи №11, аз 30 июни соли 2025 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 13 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои таърих, мудири шуъбаи
таърихи навтарини, Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ — Абдурашидов Ф.М.

**Эксперт:**
доктори илмҳои таърих, профессор сарходими илмии
шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих,
бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ — Абулҳаев Р.

**Котиби илмии ҷаласа:** — Раҷабова Умеда

**Имзоҳои** Абулҳаев Р. ва Абдурашидов Ф.М.-ро тасдиқ мекунам:
Нозири Калони шуъбаи кадрҳои Институти
таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи Аҳмади Дониши АМИТ. — Файзуллоева Г.Қ.

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734025, хиёбони Рудакӣ 33
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: (+ 992 (37) 221-37-42, E-mail: institutitarih@mail.com

«30» 06 соли 2025